## Номи курс: Самтҳои асосии рушди сармояи инсонӣ дар шароити иқтисоди рақамӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон

(Main directions for the development of human capital in the context of the digital economy in the Republic of Tajikistan).

**Week: 2.**

**Lecture 2.** The content and essence of the formation of human capital in the context of an innovative economy

**Lecturer: Rustamzoda Fitrat Muzafar**

# МАВЗӮИ 2. МАЗМУН ВА МОҲИЯТИ ТАШАККУЛЁБИИ САРМОЯИ ИНСОНӢ ДАР ШАРОИТИ ИҚТИСОДИЁТИ ИННОВАТСИОНӢ

2.1. Ташаккул ва рушди сармояи инсонӣ

2.2. Омилҳо ва хусусиятҳои асосии сармояи инсонӣ

2.3. Рушди сармояи инсонӣ дар шароити иқтисодиёти инноватсионӣ

**Мақсади лексия:** рушди сармояи инсонӣ, ташаккулёбӣ, намуд ва омилҳои сармояи инсонӣ, иқтисодиёти инноватсионӣ ва саҳми сармояи инсонӣ дар баланд бардоштани он.

## 2.1. Ташаккул ва рушди сармояи инсонӣ

Инсон яке аз захираҳои муҳими иқтисодӣ дар шароити муосир ба ҳисоб рафта, ҳамчун қувваи пешбарандаи рушди ҷомеа ба шумор меравад.

Сармояи инсонӣ дар ташаккул ва рушди иқтисоди инноватсионӣ яке аз омили бунёдӣ дар низоми иҷтимоию иқтисодӣ баромад менамояд.

Дар шароити муосир тамоми он тағиротҳои мусбате, ки ба вуҷуд меоянд ба рушд ва ташаккули сармояи инсонӣ зич алоқамананданд.

Мамлакатҳои тараққикардаи ҷаҳон бо мақсади баланд бардоштани рақобатпазирии ба иқтисодиёти миллӣ бо сармоягузорӣ ба рушди сармояи инсонӣ диққати махсусро равона намудаанд. Дар замони муосир мушкилот ва истифодаи самараноки сармояи инсонӣ дар маркази таваҷҷуҳи давлат қарор дорад. Ҳадафи асосии давлату Ҳукумат ин пеш аз ҳама баланд бардоштани

савияи дониши аҳолӣ ва омода намудани мутахассисони баландихтисос ба шумор меравад.

Дар марҳилаи нави рушди иқтисодию иҷтимоии мамлакат таваҷҷӯҳи асосии ба рушд ва дуруст истифода намудани сармояи инсонӣ равона гардидааст. Барои дар сатҳи баланд ва дуруст истифода намудани сармояи инсонӣ, ки бевосита рушди устувор дониста мешавад, ки дар он ҳадафҳои стратегии мамлакат муайян карда шудааст, Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 қабул гардидааст, ки Стратегияи мазкур самаранокии ҳадафҳои гузошташударо то соли 2030 таъмин менамояд.

Рушди иқтисодӣ ва фаҳмидани нақши сармояи инсонӣ дар шароити муосир бисёр муҳим ва саривақти ҳисобида мешавад. Муҳимият дар он зоҳир мегардад, ки имкониятҳои ба кор андохтани захираҳои мавҷуда бепоён дониста намешаванд. Захираи асосие, ки имкониятҳои истифодаи он дар шароити муосир амалан номаҳдуд мебошад, ин қобилиятҳои инсонҳо ба шумор меранд, ки дар намуди сармояи инсонӣ амалӣ гардида истодааст.

Барои одат намудан ба шароити зудтағйирёбандаи ҷаҳон, нақши иттилоот, дониш, малака ва маҳорати касбӣ бисёр муҳим ва зарурӣ мебошанд, зеро мамлакатҳоро мебояд ҳамасола барои баланд бардоштани малакаи касбӣ кормандон чораҳои заруриро роҳандози намоянд. Зеро рушди тамоми соҳаҳои амалкунанда дар мамлакат аз истифодаи дурусти сармояи инсонӣ сарчашма мегирад.

Рушди назарияи сармояи инсонӣ бо саноатикунонии иқтисодиёт ва муҳимияти таъмини рақобатпазирии субъектҳо алоқаманд мебошанд. Солҳои 60-уми асри гузашта барои рушди сармояи инсонӣ дар низоми илми иқтисод имкониятҳои фаррох ба вуҷуд омаданд ва он солҳоро давраи рушди босуръати илму техника медонистанд. Доир ба рушд ва ташаккули сармояи инсонӣ олимони зиёд таҳқиқотҳои илмӣ, мақолаҳо ва рисолаҳои зиёди илмӣ пешниҳод намуданд ва солҳои тулонӣ оид ба мафҳум ва назарияи рушди сармояи инсонӣ таҳқиқотҳои илмӣ гузаронидаанд. Дар шароити муосир низ

чунин таҳқиқотҳо чи аз ҷониби олимонӣ хориҷӣ ва ватанӣ идома карда истодааст. Аммо асосгузорони ин соҳа ё бахш олимони иқтисодшиноси амрикоӣ Г. Беккер ва Т. Шулс маҳсуб дониста мешаванд. Қайд намудан зарур аст, ки дар шароити муосир ва аз лаҳзаи ташаккул ва рушди сармояи инсонӣ то ба имрӯз таҳқиқотҳои зиёд аз ҷониби олимони бузурги илми иқтисод гузаронида шудааст ва метавон қайд намуд, ки то ба имрӯз мафҳуми ягона оид ба рушди сармояи инсонӣ ҳанӯз пурра таҳқиқ нашудааст ва олимон мафҳум ва назарияи сармояи инсониро ба таври гуногун баён менамоянд.

Мафҳумҳои зиёдро оид ба рушди сармояи инсонӣ дар адабиётҳои илмӣ вохурдан мумкин аст, зеро онҳо аз ҷониби олимони ватанӣ ва хориҷӣ тавсиф гардидаанд. Барои баланд бардоштани сатҳи корхона ва ташкилотҳо бениҳоят заруранд.

Асосҳои назариявӣ ва таҳқиқотҳои илмию амалии то ба ҳол анҷом дода шуда, ба рушди сармояи инсонӣ ва мутаносибан ба болоравии иқтидору имкониятҳои иқтисодии кишварҳои олам мусоидат намуда истодаанд.

Вале, аз нигоҳи мо, бо дарназардошти торафт васеъ гардидани доираи ташаккули иқтисоди рақамӣ, иқтисоди донишҳо, зиёдшавии хавфу чолишҳои замони муосир ва дигар мушкилоту масъалаҳои давлатҳои рӯ ба тараққӣ таҳқиқотҳои анҷомдодашуда кофӣ намебошанд.

Қайд намудан зарур аст, ки дар таҳқиқоти олимони хориҷию ватанӣ масъалаҳои сармояи инсонӣ дар шароити муосир ба пуррагӣ омӯхта нашуда, ташаккул ва инкишофи масъалаи мазкур аз нигоҳи назариявӣ, амалӣ ва методологӣ таваҷҷӯҳи амиқу хоссаро талаб менамояд.

Таҳлили адабиёти илмии иқтисодӣ нишон медиҳад, ки бо вуҷуди омӯзиши васеи назария ва амалияи сармояи инсонӣ аз ҷониби олимони ватаниву хориҷӣ то ҳанӯз ягонагии равишҳо оид ба мафҳуми сармояи инсонӣ мавҷуд набуда, равишҳои мухталиф арзи ҳастӣ доранд.

Дар робита ба ин, накши сармояи инсонӣ дар ҳадафҳои амалисозии рушди иқтисоди миллӣ, бартараф намудани мушкилоти ҷойдошта ва такмилдиҳии он дар сатҳи ҷумҳурӣ, ба воситаи коркарди механизмҳои

муосири рушди сармояи инсонӣ дар шароити ҷаҳонишавӣ, дар таҳқиқоти мазкур мавриди омӯзиши амиқ қарор дода шудааст.

Дар сохтори сармояи инсонӣ нишондиҳандаи асосӣ ва сифатии омодагии он ин фаъолияти инноватсионӣ ба ҳисоб меравад. Дар ин сохтори мазкур асосан се унсур нақши калидиро иҷро менамояд.

1. Дараҷаи маълумот;
2. Сармояи саломатӣ;
3. Ҳаракатнамоӣ.

Аз ҳама унсури асосӣ ин сатҳи маълумот ва сармоя ба шумор меравад, ки метавонад, дигар унсурҳои мавҷударо такмил диҳад. Такмилдиҳи вобаста ба сармояи инсонӣ дар лаҳзае мувофиқат менамояд, ки бо мақсад ва ҳадафҳои стратегияи рушди миллӣ мутобиқат намояд ва тавонои инноватсионии он бо таваҷҷӯҳ ба мавҷудияти захираҳои табӣ рушд ёбад.

Инчунин қайд намудан зарур аст, ки дар баробари олимони хориҷӣ олимони ватани низ дар рушди сармояи инсонӣ фикру ақидаҳои хешро пешниҳод намудаанд. Аз ҷумла, олими иқтисодшинос Мирзоалиев А.А. чунин андешаро ҷонибдораст «Сармояи инсонӣ дар натиҷаи сармоягузорӣ ва захираҳои ҷамъкардаи шахс барои таъмини саломатӣ, дониш, малака, қобилият, ҳавасмандии ӯ, мусоидат ба рушди ӯ, ба даст овардани тахассуси зарурӣ, афзоиши ҳосилнокии меҳнат, таъмин намудани афзоиши музди кор дар соҳаи муайяни фаъолият ташаккул меёбад»[1].

Мирзоалиев А.А. фикру ақидаҳои хешро чунин пешниҳод намудааст, «Сармояи инсонӣ яке аз муҳимтарин омилест, ки дар он тафаккури эҷодӣ, арзишҳои зеҳнӣ, маҳорату истеъдод, салоҳияту касбият ва иқтидори шахсият дар бозори меҳнат арзёбӣ мегардад»[2].

Сармояи инсонӣ неруи созанда, потенсиали меҳнатӣ, захираи арзишманд ва таъминкунандаи омили муваффақияти ташкилот дар фазои

---

[1] Мирзоалиев А.А. Идоракунии рушди иқтидори кадрии савдои чакана дар шароити ташаккули иқтисоди рақамӣ. Диссертатсия. – Душанбе, ДДТТ. – 2023. – С. 32.
[2] Мирзоалиев А.А. Идоракунии рушди иқтидори кадрии савдои чакана дар шароити ташаккули иқтисоди рақамӣ. Диссертатсия. – Душанбе, ДДТТ. – 2023. – С. 35.

рақобат бо такия ба рақамикунонии фаъолият ба ҳисоб меравад, (дар расми 1 оварда шудааст), ки тавсифи мафҳуми сармояи инсонӣ ба таври муайян дарҷ гардидааст.

Сармояи инсонӣ аз саломатӣ, дониш, таҷриба ва малакаҳое сарчашма мегирад, ки одамон барои таъмини ояндаи ҳаёти худ онро пайваста ҳифз ва такмил хоҳанд дод.

Сармояи инсонӣ захираи асосии истеҳсолии дар ихтиёри корхона буда, барои афзун намудани дороиҳо ва таъмини фаъолияти самарабахш хизмат менамояд. Сармояи инсонӣ маҷмӯи донишу салоҳиятҳо, сифатҳою арзишҳо, истеъдоду қобилиятҳое, ки дороию сарватмандии инсонро метавонад дучанд намояд, агар онҳоро баҳри манфиатбахши ҷомеа ва тафаккури шахсӣ сафарбар гардида бошад.




**Расми 1. Сармояи инсонӣ (аз ҷониби муаллиф тартиб дода шудааст).**

Ба андешаи мо, мафҳуми сармояи инсонӣ бештар дар ҷомеае рушд мекунад, ки дар он аҳолӣ малакаву маҳорат ва донишҳои васеъро доро бошанд (расми 1). Сармояи инсонӣ метавонад ташаккул, такмил ва ба ҷомеа таъсиргузор бошад, агар нерӯи солиму созанда ва моликияти ақлониву иқтидори зеҳниро ба худ ҷалб намуда бошад.

Ба андешаи мо, сармояи зеҳнӣ ҳамчун «мағзи коллективӣ» ки дар он донишҳои ҳаррӯза ва илмии кормандон, таҷриба ва моликияти зеҳнӣ ҷамъоварӣ мешавад, фаҳмида мешавад.

Ҳангоми таҳқиқот ба хулосае омадем, ки асос ва сарчашмаи ҳама пирӯзиҳову муваффақиятҳо дар замири сармояи инсонӣ ва бахусус истифодаи мақсадноки он хобидааст. Маҳз инсони муҷаҳҳаз ба нерӯву тавонмандӣ ва салоҳиятноку офаранда ҳамчун сармояи инсонӣ дастаҷамъона дар ҳалли дилхоҳ мушкилот қодир аст.

### 2.2. Омилҳо ва хусусиятҳои асосии сармояи инсонӣ

Мафҳуми сармояи инсонӣ дар раванди таъсири инқилоби илмию техникӣ рушд намуда, ба вазифаи он омилҳои зерин (ки дар расми 5 оварда шудааст), меҳнат, сармоя, маориф ва пешрафти техникӣ дохил мегардаанд.




**Расми 2. Омилҳои сармояи инсонӣ (аз ҷониби муаллиф тартиб дода шудааст).**

Омилҳои дар боло зикргардида ба мисли сармоя, маориф, меҳнат ва пешрафти техникӣ дар ташаккули сармояи инсонӣ нақши тавъманд доранд. Ҳангоми таҳқиқот маълум гардид, ки ба мафҳуми мазкур нигоҳи васеътару дурандешона метавонад рақобаттавонии сармояи инсониро дучанд намояд (расми 2.).

Мусаллам аст, ки ҳар як омил вобаста ба мазмунаш сохтори таркибиро фарогир аст. Бинобар ин, дар расми 6 мо омилҳоеро интихоб намудем, ки онҳо метавонанд на танҳо сармояи инсониро тавзеҳ диҳанд, балки ба инобат гирифтани онҳо дар муҳит ва фазои мураккабу номуайян рақобаттавонии сармояи инсониро нишон хоҳад дод. Дар шароити ҷаҳонишавӣ ва ҳамгироиҳои иқтисодӣ, инчунин муҳити зудтағйирёбанда фаъолияти дилхоҳ субъект ба нерӯю тавонмандии сармояи инсонӣ эҳтиёҷманд аст.

Менеҷменти асри XX ба нерӯи корхона ва сармояву дороиҳо умед мебаст, менеҷменти асри XX1 бошад ба нерӯи инсонӣ ба хусус сармояи инсонӣ натиҷабахшии фаъолиятро алоқаманд медонад. Сарчашмаи ташаккул ва такмили сармояи инсонӣ ба моликияти ақлонӣ, зеҳни сунъӣ, инсони рақамӣ, қобилияти соҳибкорӣ, салоҳияту касбият ва санъату маҳорати омили инсонӣ робитаи зич дорад.

Ба ақидаи мо дониш хусусияти меҳнати илмӣ ва фикрие мебошад, ки ба туфайли он шуур ва эҳтиёҷоти одам тағйир ёфта, ҳаёти ӯ рангин мегардад. Дар асоси ин хулоса баровардан мумкин аст, ки ягонагӣ дар сармояи инсонӣ қобилияти кор ва истеъмоли шахсро нишон медиҳад.

Ҳамин тавр, дар як давраи начандон тӯлонӣ омили инсонӣ дар таҳлилҳои иқтисодӣ то дараҷае рушд ёфта, мафҳумҳои захираи меҳнатӣ, қувваи корӣ, захираҳои инсонӣ, захираҳои башарӣ, нерӯи корӣ, нерӯи инсонӣ, сармояи зеҳнӣ, сармояи эҷодӣ, инсони ҳушманд, инсони рақамӣ, моликияти зеҳнӣ пайдо шудааст ва то ҳанӯз ин мафҳум дар ҳоли ташаккулу такмил қарор дошта, нуқтаи назари ягона муқаррар нагардидааст.

Аз ин лиҳоз, ба андешаи мо, сармояи инсонӣ бояд ҳамеша дар ҷомеа мавқею манзалати арзишмандро соҳиб бошад ва дар ташаккули инсон ва рушди касбияти он чӣ қадар сармоягузорӣ ва таваҷҷӯҳ зиёд бошад ҳам, он ҳоло кам аст.

Зеро асри XX1 бо дарназардошти рушди технологияи рақамӣ ва мутобиқан зарурати омодасозии мутахассисону барномасозон ба асри сармояи инсонӣ табдил ёфтааст.




**Расми 3. Ташаккули сармояи инсонӣ (аз ҷониби муаллиф тартиб дода шудааст).**

Заминаҳои таърихӣ ва таҳаввулоти назарраси сармояи инсонӣ аз он гувоҳӣ медиҳад, ки ин падида дар асри XXI ба яке аз нерӯҳои тавонману, зудтағйир ва қудратманди бозори меҳнат дар ҳолати ташаккул ва такмилёбист. Мафҳуму ибораҳои нав пас ё фардо метавонанд ҷойгузини сармояи инсонӣ гарданд.

Сармояи инсонӣ - ин сармояи эҷодӣ мебошад, ки дар асоси таҳсилоти гирифташуда қобилияти инсон доир ба ҳалли мушкилоте афзоиш ёфта, навоварии воқеӣ, дарёфти равишҳои навоварона, ташаббус, эҷодкорӣ, малакаҳои муоширaт, масъулият, қобилияти ба даст овардани таваккал, ки ҳамчун фаъолияти инноватсионӣ номида мешавад, ба вуҷуд оварда мешавад.

Ҳамин тариқ, сармояи инсонӣ - категорияи хеле мураккаби иқтисодӣ мебошад, ки барои рушди устувори иқтисоди миллӣ муҳим аст. Дараҷаи самаранокии равандҳои истеҳсолӣ аз сифати сармояи инсонӣ вобаста аст.

Қайд намудан зарур аст, ки дар ҷадвали мазкур баъди таҳқиқот ва хондани корҳои илмии бисёр олимони хориҷӣ ва ватанӣ доир ба рушд ва ташаккули сармояи инсонӣ мо бахулосае омадем, ки онҳоро ба ду категория, яъне категорияи якум ташаккули сармояи инсонӣ ва категорияи дуюм такмили сармояи инсонӣ вобаста ба омилҳои онҳо ҷудо намоем.

### 2.3. Рушди сармояи инсонӣ дар шароити иқтисодиёти инноватсионӣ

Сармояи инсонӣ - маҷмӯи дониш, малака, таҷриба, салоҳият ва қобилиятҳое ба шумор меравад, ки шахс дар раванди омӯзиш ва ташаккул ёфтан соҳиби кор мегардад ва метавонад онро дар фаъолияти иқтисодӣ ба таври густурда истифода намояд.

Ба хусусиятҳои асосии сармояи инсонӣ дар шароити иқтисодиёти инноватсионӣ чунин бандҳо аҳамияти махсусро зоҳир менамоянд:

1. Омилҳое, ки барои баланд бардоштани маҳсулнокии меҳнат;
2. Тақвияти рушди устувори иқтисодӣ;
3. Таъмини рақобатпазирӣ дар бозори ҷаҳонӣ.

Иқтисодиёти инноватсионӣ ва хусусиятҳои асосии он дар шароити муосир - иқтисодиёте ба шумор меравад, ки асосан ба навовариҳо, технологияҳои нав ва истифодаи самараноки дониш такя менамояд.

Талаботҳои асосии доир ба сармояи инсонӣ дар шароити иқтисодиёти инноватсионӣ чунин мебошад:

1. Мутахассисони соҳавии баландихтисос;
2. Маҳорати истифодаи технологияҳои иттилоотӣ;
3. Тафаккури креативӣ ва қобилияти ҳалли масоили мураккаб;
4. Иқтидори мутобиқшавӣ ба шароити тағйирёбанда.

Яке аз роҳҳои асосии рушди сармояи инсонӣ дар иқтисодиёти инноватсионӣ дар шароити муосир чунин бандҳо дохил мегарданд:

1. Таълими босифат ва муосир;
2. Пайваста омӯхтан;
3. Ташаббускорӣ;
4. Муҳофизати иҷтимоии мутахассисон

Дар Тоҷикистон низ барои гузариш ба иқтисодиёти инноватсионӣ захираҳои инсонӣ нақши калидӣ доранд.

Рушди сармояи инсонӣ дар шароити иқтисодиёти инноватсионӣ на танҳо як ҳадафи стратегӣ, балки як зарурат барои таъмини пешрафти устувор ва рақобатпазирии миллӣ мебошад. Сармоягузорӣ ба инсон - сармоягузорӣ ба ояндаи давлат аст.

Дар шароити муосири ҷаҳонишавӣ ва рақобати афзояндаи иқтисодӣ, зарурати рушди сармояи инсонӣ ҳамчун омили асосии пешбурди иқтисодиёти инноватсионӣ аҳамияти махсус пайдо мекунад. Таҳқиқоти гузаронидашуда нишон медиҳад, ки сармояи инсонӣ - ҳамчун маҷмӯи дониш, малака, таҷриба ва қобилияти эҷодии аҳолӣ - дар низоми иқтисодиёти навин ба унсури калидии истеҳсолот ва рушди устувори иҷтимоию иқтисодӣ табдил ёфтааст.

Дар доираи иқтисодиёти инноватсионӣ, ки ба донишу технология такя мекунад, сармояи инсонӣ на танҳо иҷрокунандаи амру фармон, балки ташаббускор, навовар ва таҳиягари қарорҳои инноватсионӣ мебошад. Барои

ҳамин, рушди он бояд на танҳо аз тариқи беҳтар намудани сифати таҳсилот, балки тавассути такмили ихтисос, омӯзиши пайваста (lifelong learning), дастгирии ташаббусҳои шахсӣ ва муҳайё сохтани муҳити инноватсионӣ амалӣ гардад.

Дар охир, хулоса намуд, ки дар замони иқтисодиёти инноватсионӣ сармояи инсонӣ аз унсури иловагӣ ба қувваи асосии пешбарандаи рушди иқтисодиву иҷтимоӣ мубадал гардидааст. Бинобар ин, таҳияи стратегияҳои дарозмуддат ва муассири рушди сармояи инсонӣ бояд дар меҳвари сиёсати миллии ҳар як мамлакат қарор дошта бошад.

***<u>Саволҳоҳо барои мустаҳкамкунии мавзӯъ</u>***:

1. Моҳияти сармояи инсонӣ ва аҳамияти онро шарҳ диҳед?
2. Нақши сармояи инсониро дар шароити иқтисодиёти инноватсионӣ манидод намоед?
3. Талаботҳои асосиро оид ба сармояи инсони дар шароити иқтисодиёти инноватсионӣ номбар намоед?